**Ба Шӯрои дисертатсионии**
**6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии**
**тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич дар мавзӯи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат**

Фазо ва муҳити имрӯза дар зери таасуроти олами иттилоотӣ ва технологияи зудтағйирёбанда инсониятро дар гирдоби хаёлот ва мушкилоти ҳалталаб қарор додааст. Ҳоло фикру андешаҳои инсоният перомуни истифодаи мафҳумҳои «ҷаҳони рақамӣ», «ҷомеаи иттилоотӣ», «фазои иттилоотӣ», «ҷомеаи донишбунёд», «ҷомеаи баъдисаноатӣ», «ҷомеаи технологиябунёд», «ҷомеаи маҷозӣ», «олами маҷозӣ», «иқтисодиёти сабз», «иқтисодиёти шабакавӣ», «иқтисодиёти интернетӣ», «иқтисодиёти иттилоотӣ», «инсони иқтисодӣ», «инсони рақамӣ», «иқтисодиёти инноватсионӣ» ва «иқтисодиёти нав» фарогир аст. Ба андешаи мантиқии муаллиф сарчашмаи мафҳумҳои зикргардидаро татбиқи зеҳни сунъӣ ва рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ташкил дода, онро ҳамчун падидаи навбатӣ дар ташаккули иқтисодиёти зудрушдкунандаи муосир ҳисобидан мумкин аст, ки боиси пайдоиши мафҳуми «иқтисодиёти рақамӣ» гардидааст.

Тавре маълум аст, раванди рақамикунонии фаъоли тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон талаботҳои иловагии доимо афзояндаро барои кормандон ва омодагии онҳо барои истифодаи имкониятҳои нав аз ҳисоби рақамикунонӣ ба вуҷуд меорад. Ин дар доираи халли вазифаи мухимтарини такмил додани сармояи инсонӣ ва тағйир додани кори тамоми системаи савдои чакана мунтазам инкишоф додани кадрҳоро дар назар дорад. Дар ин рисола пешниҳодҳо оид ба рушди неруи кадрии кормандоне, ки дар системаи идоракунии савдои чакана кор мекунанд, ба истифодаи ҳам принсипҳои бозорӣ ва ҳам маъмурии танзим мувофиқанд, таҳия шудааст. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки имкониятҳои омӯзиши маркетинги кадрҳо дар робита бо вазифаҳои идоракунии мақсадноки

иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити рақамисозӣ фаъолона истифода шавад.

Дар автореферат муаллиф зикр намудааст, ки иқтисодиёти рақамӣ падидаи нави илми иқтисодӣ буда, бо рушди технологияҳои рақамӣ, фазои рақамӣ, зеҳни сунъӣ, корхонаҳои маҷозӣ, суръатбахшии хизматрсониҳои алоқа, таҳияи моделҳои нави коммуникатсионӣ, ҳамкории субъектҳои иқтисодӣ, ба хусус инкишофи иқтидори кадрӣ алоқаманд мебошад.

Мубрам будани мавзӯъи диссертатсионии Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич дар он ифода ёфтааст, ки барои дар амал татбиқ намудани ин падида истифода бурдани имкониятҳои мавҷуда мутахассисоне заруранд, ки барои кор кардан бо технологияи нав, идоракунии моделҳои нави ташкили меҳнат, дар шароити зудтағйирёбанда ва мураккаб ҳамеша омода бошанд. Ин мушкилот таҳияи методологияи идоракунии иқтидори кадриро дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ бо назардошти ниёзҳои рушди дохилии тамоми механизмҳои иҷтимоию иқтисодии идоракунии меҳнат муҳим ва мубрам мегардонанд.

Муаллиф ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ хусусиятҳои хоси рушди иқтидори кадрии савдои чаканаро дар шароити иқтисоди рақамӣ муайян намудааст. Ҳангоми таҳқиқ ошкор намудааст, ки ба қатори хусусиятҳои хоси рушди иқтидори кадрии савдои чакана инҳо: навсозии пойгоҳҳои техникии савдои чакана, афзоиши низоми фардии талабот тариқи каналҳои электронӣ, ташкили платформаҳои рақамии савдо, тағйирёбии низоми пешниҳоди хизматрасонии савдо ба аҳолӣ ва дигар иштирокчиёни раванд, ташкили базаҳои логистикии хизматрасониҳои савдо тариқи шабакаҳои яклухт ва чаканаи маҳсулот.

Ба андешаи муаллиф равандҳои рақамикунонии савдо бо истифодаи васеи зеҳни сунъӣ ва иқтидори кадрии тахасусманд, такя намуда собит карда шудааст, ки ба хусусиятҳои ташкилӣ, идоракунӣ, назоратӣ, таҳлилию баҳодиҳӣ алоқаманд мебошанд.

Дар автореферат марҳилаҳои рушди иқтисоди рақамӣ таҳия гардида, модели институтсионалии рушди рақамии иқтидори кадрӣ ва равишҳои методологии он арзёбӣ гардида, истифодабарии усулҳои муайян дар доираи равиши мушаххасӣ илмӣ татбиқ шудааст. Асоснок гардидааст, ки дониш, маҳорат ва малака, салоҳиятнокӣ, иқтидори инсонӣ, навоварӣ, сармоя ва таҳсилот на танҳо унсури ба вуҷуд оранда, балки омили қавии идоракунии иқтидори кадрии савдои чакана мебошанд. Инчунин муаллифи диссератсияи равишҳои институтсионалӣ:

системавӣ, ҷараёнӣ, функсионалӣ ва ҳолатии рушди савдои чаканаро пешниҳод намудааст.

Дар диссертатсия самтҳои асосии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар асоси такмилдиҳии механизми идоракунии он дар шароити рақамикунонӣ ассоснок шудааст. Ба андешаи муаллиф, барои рушди иқтидори кадрӣ бояд: мониторинги вазъи кунунии иқтидори кадрӣ, интихоби лоиҳаҳои ояндадор дар соҳаи ҳифз ва рушди он, ташаккули бонки иттилоотӣ оид ба лоиҳаҳои рушди иқтидори кадрӣ дар савдо, таҳлили лоиҳаҳо ва додани маблағ ба корхонаҳои истеҳсоливу тиҷоратӣ барои иҷрои онҳо аз руи шартҳои маблағгузории якҷоя; пешбурди ғояҳои сарпарастӣ ва хайрхоҳӣ дар соҳаи рушди иқтидори кадрӣ дар иқтисодиёт, такмили ихтисос, бозомӯзӣ, аттестатсия ва ғайра ба роҳ монда шавад.

Чи тавре, ки аз автореферат бар меояд диссертант дар кори илмӣ кушиш намудааст омӯзиши масъалаҳои назариявию методологӣ ва амалии идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамиро ба роҳ монда дар ин асос самтҳои асосии рушду такомули ин соҳаи ниҳоят муҳими иқтисодиро таҳия намудааст.

Дар ниҳоят, муаллиф таҳқиқоти илмиро бо риояи тамоми талаботҳои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки он дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошад.

Бояд зикр намуд, ки дар автореферат, ки новобаста ба ҷиҳатҳои мусбӣ, баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд:

1. Ба андешаи муаллиф аксарияти муҳаққиқони илми иқтисодиёт иқтисоди рақамиро иқтисоди баъдисаноатӣ, донишбунёд, инноватсионӣ, электронӣ, шабакавӣ, иттилоотӣ ва маҷозӣ номгузорӣ намудаанд. Коршиносони соҳа омили муҳими рақамикунониро ба рушди маданияти рақамӣ тавъам мешуморанд. Андешаи муаллиф пурра асоснок карда нашудааст?

2. Марҳилаҳои рушди иқтисоди рақамӣ дар расми 2 нишон дода шудаанд. Инқилоби рақамӣ аз ҷиҳати миқёс ва суръат таъсирбахш аст. Андешаи муаллиф тавзеҳ мехоҳад?

3. Дар автореферат муаллиф қайд менамояд, ки барои таҳияи равишҳои методологии идоракунии иқтидори кадрии савдои чакана бояд воситаҳо ва принсипҳои методологии мавҷуда ҳамчун асос ба инобат гирифта шуда, роҳҳои самараноки дар назария ва амалияи идоракунӣ истифодабарии онҳо ба роҳ монда шавад. Фикри муаллиф пурра зикр нашудааст?

Бояд тазаккур дод, ки норасоиҳои пешниҳодшуда ба аҳамияти илмии таҳқиқот таъсири назаррас надоранд ва эътибору арзишмандии онро паст намекунанд.

Умуман, диссертатсияи Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич кори илмии пурра ба анҷом расонидашуда ҳисобида шуда, дар асоси талаботи илмӣ- назариявӣ ва амалияи муосир анҷом ёфтааст ва ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат сазовор мебошад.

**Муқарриз,**
**мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ**
**ва аудити Донишгоҳи аграрии**
**Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Шарифов З.Р.**

Имзои Шарифов З.Р -ро тасдиқ мекунам:

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва таъминоти махсуси**
**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба**
**номи Шириншоҳ Шоҳтемур** **Раҷабова Н.А.**